**Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, (734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ,1/2)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Бобохонова Шаҳрбону Холназаровна дар мавзуи «Ташаккул ва рушди бозори фурӯши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ)**

Дар шароити муносибатҳои бозорӣ яке аз самтҳои асосӣ ин танзими бозори фурӯши барқ ба ҳисоб меравад. Маҳсулоти дар бозори фурӯши барқ пешниҳодшаванда ягона буда, ҳамчун мол ҳамеша харидори худро дорад. Бозори фурӯши барқ қодир нест, ки худро ба таври босамар танзим кунад. Агар ин бозор ҳавола ба худ дода шавад, пас дар ниҳоят фаъолияти худро ба танзим медарорад, вале раванди худтанзимкунӣ ва ба эътидол даровардани фаъолияти худ бо норасоиҳои дарозмуҳлати нерӯи барқ ва баландшавии бошиддати нархи он ҳамрадиф мегардад. Албатта, ҳеҷ гоҳ давлат чунин ҳолатро раво намедонад, чунки суръати рушди соҳаи электроэнергетика ҳамчун такондиҳандаи рушди саноат ва дигар соҳаҳои иқтисодӣ-иҷтимоии мамлакат бояд ҳамеша аз суръати рушди соҳаҳои дигар пеш бошад. Дар чунин шароит давлат вазифаи таъмини бозпас гирифтани воситаҳои ба рушди соҳаи электроэнергетика сафарбаршударо бо роҳи муқаррар намудани тарифҳои нисбатан баланд ба нерӯи барқ иҷро менамояд.

Муҳаққиқ дар қатори ҷанбаҳои назариявии мавзӯи баррасишаванда, инчунин дар боби дуюми диссертатсия таҳлил ва арзёбии вазъи муосири бозори фурӯши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили вазъи муосири соҳаи электроэнергетика ва таъсири он ба бозори фурӯши барқ, таҳқиқ ва арзёбии муҳити тиҷоратии фаъолияти субъектҳои бозори фурӯши барқ, имконияти ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бозорҳои минтақавии фурӯши барқ мавриди таҳлил қарор дода тариқи ҷадвалҳо, диаграммаҳо нишон додааст.

Диссертант бо истифода аз маълумотҳои омори расмӣ, ҳисоботҳои идораҳои дахлдор таҳлилҳо гузаронида, тавасути гистограммаҳо, графикаҳо, ҷадвалҳо нишон додааст.

Бозори фурӯши барқ, тибқи пешниҳоди муаллиф, бояд бо иштироки давлат ва дар асоси принсипҳои рақобат ташаккул ёфта, асосҳои амалкунии он бо қонунгузорӣ муайян карда шаванд. Дар натиҷаи амалисозии пешниҳоди муаллиф инҳисор дар ширкатҳои ба таври амудӣ ҳамгирошуда ва зарурати иштироки бевоситаи давлат дар бозори фурӯши барқ барҳам дода мешавад. Минбаъд бозори дохилии фурӯши барқ то ба сатҳи кушоди ба бозорҳои хориҷии минтақавӣ ва умумиҷаҳонӣ пайвастгардида рушд мекунад. Яке аз

талаботи асосии бозори дохилии фурӯши барқ ин ҷудо кардани интиқол ва таксимоти барқ аз истеҳсол, таъминот ва фурӯши он мебошад (Сах.21).

Қобили қайд аст, ки дар автореферат методҳои муқоиса ва таҳлил ба маврид истифода шуда, объекти таҳқиқот мушаххасу аниқ баён гардида, пай дар пайи ҷумлаҳо бо услуби илмӣ-коргузорӣ ва забони асл тоҷикӣ эҷод шудаанд. Бо такя ба сарчашмаҳои илмӣ муаллиф коркарди принсипҳои муайян ва риояи онҳоро пешниҳод намудааст.

Матни автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи муаллиф мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсияро фарогир мебошанд.

Дар автореферат баъзе норасоиҳо дида мешаванд, аз ҷумла:

1. Дар боби сеюми автореферати диссертатсяи дурнамои рушди бозори миллии фурӯши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон номгӯзорӣ карда шудааст, аммо ягон дурнамоиҳои оиди фуруши барқ таҳқиқ нашудааст;

2. Бисёр ба маврид мебуд агар муаллиф дар кори диссертатсионии худ назарпусиро миёни аҳолӣ оиди нархи фуруши барқ мегузаронид ва натиҷаи ин назарпусиро дар автореферат ҷой мекард;

Камбудиҳои пешниҳодгардида чузъӣ буда, мазмун ва баҳои воқеии авторефератро таъғйир намедиҳанд. Дар маҷмӯъ, таҳқиқи диссертатсионӣ дар мавзуи «Ташаккул ва рушди бозори фурӯши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешниҳод гаштааст, рисолаи илмии анҷомёфт дорои хислату мазмуни илмию амалӣ буда, ба талаботи Низомномаи комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистои ҷавобгӯ мебошад. Муаллиф Бобохонова Шаҳрбону Холназаровна сазовори дараҷаи илмии номзади илми иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессори кафедраи фаъолияти
бонкии Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон Шарипов Б.М.

Имзои д.и.и., профессор Шарипов Б.М.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи
давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Шарипов У.

Суроға: 734067, шаҳри Душанбе,
кӯчаи Нахимов 64/14,
Тел: 231-02-01
E -mail: tgfeu@tgfeu.tj
Сомона: www.tgfeu.tj